*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди*
*Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,*
*бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исайнова Манижа Ҳисайновна дар мавзуи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст**

Таъмини амнияти озуқаворӣ дар шароити имруза ҳамчун масъалаи муҳим ба шумор рафта нақши худро дар сатҳи минтақа аз даст надода ба яке аз масъалаҳои глобалӣ табдил ёфта истодааст. Таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти миллию байналмилалиро касб менамояд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзуи сиёсии минтақа ва кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст. Ин масъала дар шароити таъсири ногувори пандемия (COVID-19), нооромиҳои сиёсӣ дар баъзе аз кишварҳои ИДМ (ба монанди Ҷумҳурии Украина) ва давом ёфтани буҳрони иқтисодию сиёсӣ боз ҳам ба яке аз масъалаи якумдараҷа табдил ёфта истодааст. Зеро ки кишвар дар шароити яку якбора болоравии нархҳои истеъмолӣ, камчинии маводи озуқа ва душвор гардидани дастрасии озуқаворӣ бо сабаби маҳдуд гаштани воридоти баъзе маҳсулотҳои озуқа, бояд талаботи аҳолиро бо маҳсулоти озуқаи худӣ қонеъ гардонида тавонад.

Мушкилотҳои ҷойдошта, зарурати омӯзиши ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқавориро ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи омӯзиши муаммои иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар ба миён меоварад. Ҳамаи тафсирот ва далелҳои дар боло зикршуда мувофиқати мавзӯи интихобкардаи диссертатсияро муайян намуда, мубрамӣ, рӯзмарра, аҳамияти амалӣ ва арзиши илмии онро тасдиқ менамояд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки тахти мафҳуми «худтаъминкунӣ»-и минтақа пеш аз ҳама бо таври мустақилона тараққӣ додани воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии худӣ фаҳмида мешавад. «Худтаъминкунии озуқаворӣ» дар сатҳи минтақа бошад, қонеъ намудани талаботи аҳолии минтақа бо озуқа, дар натиҷаи истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзӣ, воситаҳои буҷетӣ, инфрасохторӣ, таъминоти кадрӣ ва воситаҳои молиявии минтақа фаҳмида мешавад.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат ҷойдошта ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар:

1. Дар ҷадвали 5-автореферат (с.20) зироати пахта оварда шудааст, онро бо соҳаи боғдори иваз намудан беҳтар аст, чунки асоси мавзӯъ таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад.

2. Эътимоднокии ҷадвали 5 афзун мегашт, агар усули ҳисоб намудани сохтори ояндабинии майдонҳои зироатҳо то соли 2030 нишон дода мешуд.

Пешниҳоди баррасигардида, хусусияти тавсиявӣ дошта мазмуни авторефератро коста намегардонад. Дар маҷмуъ, кори илмии мазкур таҳқиқоти илмии мустақилона ва бо пуррагӣ анҷомёфта буда, навгониҳои илмӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, натиҷаи ба даст овардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта асосҳои назариявию амалии таъмини амнияти озуқаврии минтақаро ифода менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзӯи «Ҷанбаҳои минтақавии таъмини амнияти озуқаворӣ (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)», аз рӯи натиҷаҳои илмӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои 31 ва 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия карда шуда, муаллифи он Исайнова Манижа Ҳисайновна арзандаи дараҷаи илмӣ - номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
д.и.и., профессори кафедраи
ташкили истеҳсолот дар
корхонаҳои КАС-и ДАТ ба номи
Ш. Шоҳтемур Насиров Р.

Имзои Насиров Р.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо-и
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Раджабова Н.А.